# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шӯрои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ

Парвандаи аттестатсионии №13

Қарори Шӯрои якдафъаинаи диссертатсионӣ аз 07.07.2023, №01

Барои сазовор донистани Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қодирзода Фарҳод Анвар - 25 ноябри соли 1985 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Соли 2002 баъди хатми мактаб - литсейи ба номи Абулфазли Балъамӣ ба факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ихтисоси «Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ» дохил шуда, онро соли 2007 бо Дипломи аъло хатм намудааст. Баъди хатми Донишгоҳ дар асоси пешниҳоди комиссияи аттестатсионӣ ба шуъбаи ғоибони аспирантураи донишгоҳи мазкур дохил шуда, 24-уми декабри соли 2010 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Экономическая безопасность малой открытой экономики Республики Таджикистан в условиях привлечения региональных форм иностранных инвестиций» дар Шӯрои диссертатсионии К737.007.01-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ ҳимоя намудааст.

Баъди хатми Донишгоҳ соли 2007 ҳисобчии хазинавии Департаменти хазинадорӣ, соли 2009 иқтисодчии дараҷаи 1-уми шуъбаи амалиётҳои амонатии Департаменти сиёсати амонатӣ - қарзии ҶСК «Ориёнбонк» дар шаҳри Душанбе, соли 2011 сардори Раёсати илм ва навоварии техникии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, соли 2013 иҷрокунандаи вазифаи муовини ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба илм ва соли 2016 дар

мувофиқа бо Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи муовини раиси ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе таъин гардида, то моҳи феврали соли 2018 дар вазифаи мазкур фаъолият намудааст. Соли 2018 бо тариқи гузариш ба вазифаи дотсенти кафедраи «Иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сипас ба вазифаи декани факултети муштараки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо муассисаҳои олии Белорус таъин гардида, то моҳи июни соли 2022 адои вазифа намудааст. Аз моҳи июни соли 2022 то имрӯз ба ҳайси муовини ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисод ва иҷтимоиёт фаъолият карда истодааст.

Дар баробари фаъолият солҳои 2011-2014 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос ва солҳои 2015-2018 Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси идораи давлатӣ хатм намудааст.

Барои ҳимоя рисоли доктории Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар асоси Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2023, таҳти №46/ҳя Шӯрои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44) таъсис дода шудааст. Диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳимоя 31-уми марти соли 2023 (протоколи №2) қабул карда шуд.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Фарҳод Анвар дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28.12.2013, №5 дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21.01.2014, №6 ва бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ 28.02.2014, №10 тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Мушовири илмӣ:**

Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло - узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Қудратов Рустам Раҳматович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

Набиев Тахир Толибович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби д.и.и., профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Раҷабов Р.К. навишта шуда, аз тарафи раиси ҷаласа, н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти гумруки донишгоҳ Ҳикматов С.И. имзо, аз 30-юми майи соли 2023, протоколи №9 баррасӣ ва санаи 05-уми июни соли 2023 аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Назарзода Х.Х. тасдиқ шудааст.

Дар хулосаи додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Қодирзода Фарҳод Анвар ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи докторӣ дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ – тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои доктори ҷавобгӯ мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳамаи ин далелҳо бе ягон шакку шубҳа аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмӣ аз руйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда шарҳи пурраи худро ёфта, асоснок карда шудаанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 29 корҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии матни муаллифӣ 918 саҳ., аз ҷумла, 3 монография бо ҳаҷми 15.63 ҷ.ч. ва 22 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмӯъ 60,26 ҷ.ч. нашр карда шудаанд.

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**

**Диссертатсия, монография ва дастурҳо**

[1-М]. Кодиров, Ф.А. Экономическая безопасность малой открытой экономики Республики Таджикистан в условиях привлечения региональных форм иностранных инвестиций [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.05 / Кодиров Фарход Анварович. – Душанбе, 2010. – 154 с.

[2-М]. Кодиров, Ф.А. Малая открытая экономика Республики Таджикистан: вопросы привлечения региональных форм иностранного инвестирования [Текст]: монография / Ф.А. Кодиров. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 112 с.

[3-М]. Қодирзода, Ф.А. Иқтисоди хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои ҷалби шаклҳои минтақавии сармоягузориҳои хориҷӣ [Матн]: монография / Ф.А. Қодирзода. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 130 с.

[4-М]. Кодирзода, Ф.А. Иностранные инвестиции [Текст]: учебное пособия / Ф.А. Кодирзода. – Душанбе: Таъбу нашр, 2021. – 334 с.

[5-М]. Кодирзода, Ф.А. Инвестиционная политика [Текст]: учебное пособия / Ф.А. Кодирзода. – Душанбе: Таъбу нашр, 2021. – 272 с.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудаанд:**

[6-М]. Кодиров, Ф.А. Принципы интегрированности иностранных инвестиций в национальную экономику [Текст] / Ф.А. Кодиров // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2008. – №2. – С.82.

[7-М]. Кодиров, Ф.А., Л.Х. Саидмуродов. Концепции и теории, как отражение современных мировых тенденций [Текст] // Республика Таджикистан на пути к открытой экономике: очерки институционального анализа. – Душанбе: Ирфон, 2008. (Раздел 1) (ҳаммуаллиф)

[8-М]. Кодиров, Ф.А., Л.Х. Саидмуродов. Институциональный анализ малой открытой экономики: от теоретической постановки к реальной действительности // Республика Таджикистан на пути к открытой экономике: очерки институционального анализа. – Душанбе: Ирфон, 2008. – (Раздел 2) (ҳаммуаллиф)

[9-М]. Саидмуродов, Л.Х., Солиев, А., Мирбобоев, Р.М., Кодиров, Ф.А. Мировой финансовый кризис и его уроки для экономики Мировой финансовый кризис и его уроки для экономики Таджикистана [Текст] / Л.Х. Саидмуродов, А. Солиев, Р.М. Мирбобоев, Ф.А. Кодиров // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2009. – №5 (53). – С.30-37.

[10-М]. Кодиров, Ф.А. Правовые аспекты формирования инвестиционного климата и экономическая безопасность [Текст] / Ф.А.

Кодиров // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2010. – №6 (62). – Ч.1. – С.102-109.

[11-М]. Кодиров, Ф.А., Солиев, А.А. Современная парадигма экономического развития в рамках экономической интеграции [Текст] / Ф.А. Кодиров, А.А. Солиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. – №2/5 (117). – С.3-7.

[12-М]. Кодиров, Ф.А., Саидмуродова, М.А. Теоретические проблемы обеспечения продовольственной безопасности в условиях перехода к рыночным отношениям [Текст] / Ф.А. Кодиров, М.А. Саидмуродова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – №2/10 (152). – Ч.1. – С.117-121.

[13-М]. Кодиров, Ф.А., Солиев, А.А., Гулмамадов, А.В, Абдуллоева, Л.И. Кластерный принцип организации производства и привлечения иностранных инвестиций [Текст] / Ф.А. Кодиров, А.А. Солиев, А.В. Гулмамадов, Л.И. Абдуллоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – №2/10 (152). – Ч.2. – С.3-10.

[14-М]. Қодиров, Ф.А., Имомёрбеков, Ф.М. Фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун шакли инкишофи фаъолияти берунииқтисодӣ ва омилҳои инкишофи он [Матн] / Ф.А. Қодиров, Ф.М. Имомёрбеков // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2016. – №2/1 (193). – С.14-17.

[15-М]. Кодирзода, Ф.А. Интеграция Республики Таджикистан в ЕАЭС: потенциальные выгоды и издержки [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №9. – С.34-39.

[16-М]. Кодирзода, Ф.А. Классификация и взаимозависимость макроэкономических и инвестиционных рисков [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. – №4-2. – С.12-20.

[17-М]. Кодирзода, Ф.А. Внешний и внутренний вектор ориентированности торговых связей стран ЕАЭС [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Вестник Российско-Таджикский (Славянский) университет. – Душанбе, 2020. – №3 (71). – С.73-81.

[18-М]. Кодирзода, Ф.А Приоритетные направления инвестиционной политики Республики Таджикистан [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Вестник Московской академии предпринимательства. – 2021. – №1. – С.67-73.

[19-М]. Кодирзода, Ф.А. Роль иностранных инвестиций и обеспечение экономического роста Республики Таджикистан [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Вестник Таджикского финансово-экономического университета. – Душанбе, 2021. – №1 (25). – С.62-68.

[20-М]. Кодирзода, Ф.А. Анализ основных тенденций инвестиционного климата в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Экономика и управление: проблемы, решения. – 2021. – Т.1. – №2 (110). – С.154-159.

[21-М]. Кодирзода, Ф.А. Роль банковской системы в государственном регулировании инвестиционной безопасности Республики Таджикистан [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). 2021. № 3-4 (75). С. 95-104.

[22-М]. Кодирзода, Ф.А. Иностранные инвестиции в эпоху глобализации мировой экономики [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально- экономических и общественных наук. – Душанбе, 2022. – №3. – С.21-27.

[23-М]. Кодирзода, Ф.А. Анализ внешних институциональных факторов обеспечения инвестиционной безопасности Республики Таджикистан в период глобализации [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально- экономических и общественных наук. – Душанбе, 2021. – №7. – С.50-55.

[24-М]. Кодирзода, Ф.А. Раванди ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба бахшҳои афзалиятноки кишвар [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе 2021. – №4 (76). – С.161-173.

[25-М]. Кодирзода, Ф.А. Таджикистан в условиях глобализации: международные и региональные аспекты [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – Душанбе, 2022. – С.270-277.

[26-М]. Кодирзода, Ф.А. Сущность и основные компоненты инвестицинной безопасности Республики Таджикистан [Текст] / Ф.А. Кодирзода. – Алматы: ОФ "Международный исследовательский центр «Endless Light in Science», 2022. – С. 56-60.

[27-М]. Кодирзода, Ф.А. Национальные приоритеты и их отражение в инвестиционной политике Таджикистана [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально- экономических и общественных наук. – Душанбе, 2023. – №2. – С. 37-42.

[28-М]. Кодирзода, Ф.А. Инвестиционная политика в системе обеспечения экономической безопасности [Текст] / Ф.А. Кодирзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально- экономических и общественных наук. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 20-26.

[29-М]. Давлатов А.А. Қодирзода Ф.А. Гурӯҳбандии шаклҳои содирот дар шароити ҷаҳонишавӣ ва марҳилаҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Текст] / Ф.А. Кодирзода, Давлатов А.А. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2023. – №3. – С.56-66.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

**1. Самандарзода И.Ҳ.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

- дар саҳифаи 36-уми автореферат муаллиф самтҳои стратегии ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки диққати асосиро ба рушди гидроэнергетика, саноати истихроҷи маъдан, азнавсозии корхонаҳои саноати сабук ва нассоҷӣ дар асоси коркарди пурраи нахи пахта, ташкил ва таҷдиди корхонаҳо оид ба

коркард ва нигоҳ доштани сабзавоту мева, таъсиси корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти бастабандӣ равона намудааст. Хуб мешуд, муаллиф, инчунин, дар бораи фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба коркарди дубора ва азнавкоркардабароии партовҳои саноатию хоҷагиҳои коммуналӣ-манзилӣ, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ безарар буда, як раванди нави инноватсионӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, низ рақаму далелҳо оварда асоснок менамуд, боз ҳам мазмуну мундариҷаи авторефератро бою ғанӣ мегардонид.

**2. Мирсаидов С.А.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо чунин камбудиҳо пешниҳод шудааст:

- дар автореферат ҷанбаҳои мусбии фаъолгардони ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки ин албатта боиси дастгирӣ мебошад. Вале мазмун ва мундариҷаи автореферат ранги дигар мегирифт, агар муаллиф ба тарафҳои манфии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ низ, диққати ҷиддӣ медод. Инчунин, беҳтар мешуд, агар муаллиф таъсири ногувори COVID-19-ро боз ҳам чуқуртар таҳлил менамуд, ки дар натиҷаи таъсири манфии он зиёда аз миллиардҳо доллар ба фазои сармоягузориҳо ва амалӣ нагардидани садҳо лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар кишварҳои алоҳидаи дунё зарари молиявӣ расонида шуд.

**3. Авезов А.Ҳ.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

- муаллиф дар саҳифаи 44-уми автореферат оиди ҷиҳатҳои мусбати фаъолияти инвеститсияҳои байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ва махсусан, Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора кардааст, лекин ҷиҳатҳои манфиро нишон надодааст;

- дар хулосаи автореферат (саҳифаҳои 49-54) хуб мешуд, ки муаллиф оиди мукаммалгардонии фаъолияти институтҳои молиявӣ дар шароити буҳронӣ пешниҳоди хешро баён мекард.

**4. Хайрзода Ш.Қ.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

- дар автореферат масъалаҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар заминаи таъсиси кластери истеҳсоливу тиҷоратӣ маълумот оварда нашудааст.

- хуб мешуд, агар дар автореферат пешгирии хатарҳои молиявӣ боз ҳам васеътар нишон дода мешуд.

**5. Садыгов Э.М.** - д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Полотски ба номи Евфросинии полотскии Ҷумҳурии Белоруссия бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

- алоҳида, мехохам навоварӣ ва арзиши амалии натиҷаҳои илмиро қайд намоям. Хулоса ва пешниҳоди муаллиф, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур ба даст оварда шудаанд, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани самаранокии принсипҳои сиёсати сармоягузории давлатӣ бо назардошти маҳдудиятҳои мавҷудаи захираҳо ва инкишоф наёфтани механизмҳои бозорӣ, ки интихоби самтҳои афзалиятнокро тақозо мекунанд, нигаронида шудааст.

**6. Ковалев В.Е.** - д.и.и., профессор ноиби ректор оид ба корҳои илми Муассисаи таҳсилоти олии буҷетии давлатии «Донишгохи давлатии иқтисодии Урал» бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

- сарфи назар аз бартариятҳои тадқиқоти илмии пешниҳодшуда, ба довталаб тавсия дода мешавад, ки ба муқаррароти баҳсбарангези зерин диққат диҳанд: мушаххас ва тавзеҳ додани натиҷаҳои модели муаллифии “таҳлили регрессивӣ- ислоҳотӣ”, ки имкон медиҳад, барои муайян ва нишон додани омилҳои институтсионалӣ ба воридшавии сармояи хориҷӣ таъсири мусбат ё манфӣ доранд, инчунин, дараҷаи таъсири он, масалан, чунин омилҳо ба монанди самаранокии идоракунии давлатӣ, назорати коррупсия, суботи сиёсӣ, таваррум барои таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, каме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.**

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссия ташхисии Шӯрои якдафъаинаи диссертатсионӣ бо назардошти мавҷудияти салоҳият ва мавқеи

устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои марбут ба омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин, бо розигии шахсии онҳо барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор ҳамчун муассисаи шинохташуда ба ҳисоб рафта, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шӯрои якдафъаинаи диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **ҷанбаҳои назариявӣ** - категорияҳо ва фарзияҳои бунёдие мебошанд, ки дар асарҳои олимони классикӣ ва муосири ватанию хориҷӣ, инчунин, дар қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омилҳои институтсионалии беруна ва дохилии ба вуҷудоварандаи таҳдид барои таъмини амнияти сармоягузории хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунии равандҳои ҷаҳонишавӣ пешниҳод гардидаанд;

- **усулҳои гуногунӣ** – алоқамандии мантиқию диалектикаи илмӣ, муқоисавӣ, оморӣ, ҳамчунин, таҳлили коррелятсиониву регрессионӣ истифода шудаанд;

- **дар натиҷаи** таҳқиқот муқаррароти назариявӣ ва амалии зерин оид ба маҷмӯи омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти он дар шароити ҷаҳонишавӣ асоснок карда шудаанд;

- **дезагрегатсияи** нишондиҳандаи интегралии амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси модели таҳлилии регрессионӣ-коррелятсионӣ дар шароити байналмилалишавии робитаҳои хоҷагии мамлакат гузаронида шудааст;

- **раванди ташаккул** ва рушди шаклҳои суроғавӣ ва минтақавии ҷалби сармояи хориҷӣ ва усулҳои тавсеаи шакли минтақавии сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд;

- **имкониятҳои** таҳкими амалияи шакли минтақавии сармоягузории хориҷӣ дар чунин шаклҳои МОИ, аз қабили минтақаҳои рекреатсионӣ ва инноватсионӣ, ки ба ворид намудани иқтидори захиравии кишвар ба робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ нигаронида шудааст, нишон дода шудаанд;

- **механизми** ташкилию иқтисодии ҳимояи сармоягузорони хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки усулҳои идоракунии иқтисодӣ, шаклҳои ташкилии мусоидат ба сармоягузорон, рушди инфрасохтори сармоягузориро дар шакли МОИ ва чораҳоро оид ба ҳифзи сармоягузоронро дарбар мегирад, таҳия шудааст;

- **омилҳои институтсионалии** берунӣ ва дохилие, ки барои таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид эҷод мекунанд, муайян ва тавсиф дода шудаанд.

**Дар натиҷаи ҷамъбасти андешаҳои олимон** таҳқиқи масъалаҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузорӣ дар қаринаи пуршиддат шудани рақобат дар соҳаи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ бештар дар асарҳои олимони тоҷик Раҳимов Р.К., Назаров Т.Н., Саидмуродов Л.Ҳ., Мирсаидов А.Б., Солиев А.А., Тошматов М.Н., Шоидарвозова М., Қосимов А.А., Тағоев Ҷ.Х., Фасихов И.С. ба мушоҳида мерасанд. Онҳо паҳлӯҳои гуногуни мавқеъ, нақш ва аҳамияти сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, масъалаҳои назария, сохтор ва микёси ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, инчунин, таъсири онро ба рушди иқтисодиёти миллӣ мавриди таҳлил қарор додаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки натиҷаҳои он барои такмили** тадбирҳои амнияти сармоягузорӣ дар заминаи сармоягузории хориҷӣ ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии кишвар ва рушди иқтисодии он мусоидат хоҳад намуд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявии дар диссертатсия дарҷёфта ба ҳалли амалии мушкилоти фаъолияти муассисаҳои давлатии масъул ба назорати фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ ва рушди фаъолнокии сармоягузорӣ нигаронида шудаанд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки муқаррарот ва хулосаҳои илмии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда, дар таълими як қатор фанҳои иқтисодӣ, аз қабили «Иқтисодиёти ҷаҳон», «Амнияти сармоягузории байналмилалӣ», «Сармоягузориҳои байналмилалӣ», инчунин, дар курсҳои махсус оид ба масъалаҳои назария ва амалияи «Сиёсати сармоягузорӣ», «Бизнеси байналмилалӣ», «Бозори байналмилалии когазҳои қиматнок», «Амнияти иқтисодӣ», «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва дигар фанҳо истифода шуда метавонанд. Дар асоси муқаррароти илмии бадастомада ва тавсияҳои амалӣ Кумитаи давлати сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумхурии Тоҷикистон, мақомоти идоракунии соҳаҳои даҳлдор метавонанд санадҳои меъёрӣ, барномаҳои рушд, барномаҳои мониторинг ва дастурамалҳоро оид ба такмили сиёсати муассир ва муттасилро дар соҳаи ҷалби сармояи хориҷӣ, андешидани тадбирҳои заруриро барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар ва инчунин, таҳияи сиёсати давлатии сармоягузориро бо амиқ муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити сатҳи баланди кушодии иқтисодиёт таҳия намоянд. Муқаррароти алоҳидаи кор метавонанд барои ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳифзи сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намоянд.

Пешниҳодҳои муаллиф оид ба танзими давлатии сармоягузорӣ зарурати шарикии фаъоли давлат бо бахши хусусӣ, низоми рушдкардаи бонкӣ ва бозори фондӣ, диверсификатсияи босуръати сохтори иқтисодиёти кишвар дар асоси дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ боиси таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ гардида метавонанд. Ҳамчунин, пешниҳодҳои муаллиф оид ба гурӯҳбандии омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузорони хориҷӣ андешидани тадбирҳои заруриро барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар ва инчунин, таҳияи сиёсати давлатии сармоягузориро бо амиқ муайян кардани хавфҳо, ҳадафҳо ва

вазифаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити сатҳи баланди кушодии иқтисодиёт тақозо мекунад.

Хулосаи муаллиф оид ба рушди нобаробари кишварҳо дар давраи ҷаҳонишавӣ ва мавҷудияти рақобати ҷадиди давлатҳои рӯ ба инкишоф, хусусан, давлатҳои Осиё барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ҳамзамон, гузоштани шартҳои худ аз ҷониби кишварҳои мутараққӣ бар ивази сармоягузорӣ талаб менамояд, ки амнияти сармоягузорӣ ҳамчун звенои муҳими амалӣ намудани маҷмӯи чорабиниҳо оид ба таъмини амнияти иқтисодии давлат тавсиф ёбад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ғояи асосии диссертатсия дар асоси дастурҳо, маърӯзаҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва андешаи олимони соҳаи иқтисодиёт, ҳамчунин, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф асоснок карда шудааст.

- хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии хавфҳои мавҷудбудаи глобалӣ оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳифзи сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудаанд;

- маълумотҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда дақиқ буда, ҳаҷми маводи тадқиқотӣ кифоя мебошад ва аз ҷониби муаллиф коркарди омории маълумотҳои расмию ғайрирасмӣ мақсаднок сурат гирифтааст;

- натиҷаҳои тадқиқот дар нашрияҳои илмии бонуфуз интишор гардидаанд, ки моҳияти тадқиқоти диссертатсиониро дар масъалаҳои таъсири омилҳои институтсионалии ба амнияти сармоягузории хориҷӣ таъсиррасонро собит менамоянд;

- пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ба ҳалли масъалаю мақсадҳои дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва "Стратегияҳои миёнамӯҳлати давлатии ҷалби сармояи хориҷӣ" равона карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- тамоми марҳилаҳои татбиқи нақшаи корҳои илмӣ, аз ҷумла, таҳияи мавзӯъ, мушаххас намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои диссертатсия бо иштироки бевоситаи муаллиф сурат гирифтааст. Муаллиф ба таври мустақилона оид ба такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳифзи сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми нишондиҳандаҳои фазои амнияти сармоягузорӣ, роҳҳои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва таҳияи механизми институтсионалии ҳифзи сармоягузорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосноккунии унсурҳои алоҳидаи он дар мамлакат тавсияҳои амалию методӣ пешниҳод намудааст.

- муқаррароту хулосаҳо ва нуқтаҳои муҳими диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва конференсияҳое, ки дар дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор гардиданд, муҳокима шуда, сазовори баҳои мусбӣ гардидаанд;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 29 корҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии матни муаллифӣ 918 саҳ., аз ҷумла, 3 монография бо ҳаҷми 15.63 ҷ.ч. ва 22 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмуъ 60,26 ҷ.ч. нашр гардидааст;

- натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тули солҳои 2019 – 2022 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Дар ҷаласаи Шӯрои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз санаи 07.07.2023 қарори сазовор донистани Қодирзода Фарҳод Анвар бо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои якдафъаинаи диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз онҳо, бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 8

нафар, аз он ҷумла, 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар аъзои Шӯро, ки дар маҷлис иштирок доштанд, овоз доданд: тарафдор 8 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - 1.

**Раиси Шӯрои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди ИИД АМИТ, д.и.и.** **Ҷонмамадов Ш.Б.**

**Котиби илмии Шӯрои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди ИИД АМИТ, н.и.и.** **Бобозода К.О.**

07.07.2023 с.